# ПРОТОКОЛИ № 08
## маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

**12** апрели соли 2023 ш.Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Маҳмадёрзода Усмон Маъмур – д.и.к., 06.01.01
2. Норов Мастибек Самадович - д.и.к., 06.01.04
3. Исмоилов Махсатулло Исроилович- д.и.б., 06.01.01
4. Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич – д.и.к., 06.01.04
5. Гулов Сайдалӣ Мамурович – д.и.б., 06.01.07
6. Қахаров Қахар Ҳабибуллаевич – д.и.к., 06.01.07
7. Мухитдинов С.М. - д.и.б., 06.01.07
8. Набиев Толиб – д.и.к., 06.01.04
9. Саидзода Саидҷамол Тоҷидин – д.и.к., 06.01.01
10. Салимзода Амонулло Файзулло – д.и.к., 06.01.01
11. Сардоров Маҳмадиёр Наимович – д.и.к., 06.01.01
12. Султонова Мавҷуда Ҳасановна - д.и.к., 06.01.07
13. Ташпулатов Муҳамадӣ Маҳмадқулович - д.и.к., 06.01.07

**Раисикунанда:** д.и.к., профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур,

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия д.и.к., профессор Саидзода С.Т. оид ба шиносии пешакӣ ба диссертатсияи пешниҳодгардидаи Аламуратов Бахтиёр Боронович "Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақи Кӯлоби вилояти Хатлон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сухан намуда, қайд кард, ки диссертатсияи мазкур барои ҳимоя қабул карда шавад. Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.к., профессор Норов М.С. ва мушовири илмӣ д.и.к., профессор Сардоров М.Н. омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, инчунин соҳаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот 15 мақола чоп гардидааст, ки аз 3,4 ч.ч. (1,8 ч.ч. аз муаллиф), буда аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи ташхисӣ барои ҳимоя намудани диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович "Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақи Кӯлоби вилояти Хатлон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, тавсия медиҳад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Аламуратов Бахтиёр Боронович "Таъсири зичии ниҳолҳои ҷуворимакка дар киштҳои ангорӣ ба маҳсулнокии он дар шароити минтақи Кӯлоби вилояти Хатлон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақола чоп гардидааст, ки аз 3,4 ҷ.ч. (1,8 ҷ.ч. аз муаллиф), буда аз инҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъйин карда шаванд:

**Алимуродов Абдузоҳид Султонович** - доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биохимияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Санаи ҳимоя:** санаи ҳимоя 24 июни соли 2023, соати 14.00 муқаррар карда шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

Омода намудани хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Аламуратов Б. Б. ба уҳдаи д.и.к., профессор Саидзода С.Т., д.и.к., профессор Қахаров Қ.Ҳ. ва н.и.к., дотсент Ҷаборов Т.Ҷ. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:
тарафдор - 13 нафар;
зид - нест;
бетараф – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.к., профессор — Маҳмадёрзода У.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, д.и.б., дотсент — Исмоилов М.И.

Имзои Махмадёрзода У.М. ва Исмоилов М.И.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур — Н.А.Раджабова